# ПРОТОКОЛИ №26

ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «16» 04 соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар азъои шуро 14 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои биологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Яқубова М.М.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 – нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз №318/шд 6-уми сентябри соли 2024 тасдиқ шудааст, 14 – нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника.

**Баромад намуданд:** раиси шӯрои диссертатсионӣ д.и.б., профессор, академики АМИТ Яқубова М.М., котиби илмии шуро н.и.б., дотсент Ҳамидзода Х.Н. ва аъзоёни шурои диссертатсионӣ докторони илм - Раҳимов Сафарбек, Бобоев Мариё Тиллоевич ва Раҷабзода Сироҷиддин Икром

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

**Диссертатсияи** Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои биологӣ, Бобоев М.Т.;
- доктори илмҳои биологӣ, Мирзораҳимзода А.К.;
- номзади илмҳои биологӣ, Ҳисайнов Д.Э.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои биологӣ.,
профессор академики АМИТ Якубова М.М.

Котиби шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои биологӣ., дотсент Ҳамидзода Х.Н.